**ПРОТОКОЛИ № 39.3 - и**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

аз 15 ноябри соли 2025 ш. Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 11 нафар (аз ҷумла 1 нафар ба тариқи маҷозӣ), аз рӯйи ихтисос 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм

15 ноябри соли 2025, соати 09:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа 12:30.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббим.

**Котиби ҷаласа:** номзади илмҳои иқтисодӣ Саиджонов Содикжон Шарифжонович.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 11 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 августи соли 2025 таҳти рақами 289/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 11 нафар аъзо иштирок доранд (1 нафар тариқи маҷозӣ), ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси

озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисоди МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» ба анҷом расидааст.

**Мушовири илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, шодравон Азимов Абдумавлон Ҷалилович.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Самандарзода Искандар Ҳусейн, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;
2. Бобоҷониён Даврон Дадоҷон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
3. Мирсаидов Саидакмал Аврорович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар –** Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

Раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. дар асоси варақаи ҳузур аъзои шуроро дар бораи босалоҳият будани маҷлис огоҳ карда, рӯзномаи онро эълон намуд. Сипас, раис довталаби дарёфти дараҷаи илмиро ба ҳозирин муаррифӣ намуда, ному насаб, мавзуи диссертатсия, ихтисос ва соҳаи илмро, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст, ҳамчунин муассисаи пешбар, ному насаб, дараҷаи илмӣ, вазифа ва ҷойи кори муқарризони расмиро эълон кард.

Саиджонов С.Ш., котиби илмии шуро ҳозиринро бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталаби дараҷаи илмӣ Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ шинос карда, оид ба мутобиқати онҳо ба талаботи муқарраршуда иттилоъ дод.

Сипас, ба Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ барои маъруза дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ

дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» то 40 дақиқа вақт дода шуд. Пас аз ба итмом расидани маъруза аъзои шуро – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. (тариқи маҷозӣ), доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҳимов А.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Газибеков С.А. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович ба довталаб саволҳо доданд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ҳакимзода М.М. ба саволҳои аъзои шуро ҷавобҳои мушаххас дод.

Баъдан, котиби илмии шуро, номзади илмҳои иқтисодӣ Саиджонов С.Ш. тақризи мушовири илмии довталаб шодравон Азимов Абдумавлон Ҷалиловичро қироат намуд, ки дар он ба диссертатсия баҳои баланди илмӣ дода шуда, фаъолияти илмӣ ва илмию омӯзгории Ҳакимзода М.М. тавсиф гардида, сабаби ба довталаб додани дараҷаи илмӣ асоснок гардида буд.

Ҳамчунин, котиби илмии шуро ҳозиринро бо хулоса оид ба натиҷаҳои муқаддамотии ташхиси диссертатсия – хулосаи кафедраи назарияи иқтисодии МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд», тақризи муассисаи пешбар – Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон шинос намуд. Ҳамзамон, ӯ ҳозиринро бо тақризҳо ба автореферати диссертатсия, ки ба шуро аз ҷониби олимони зерин пешниҳод шуданд, шинос намуд:

1. Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон бо эроди зерин: агар дар автореферат ба бозори озуқаворӣ ва тиҷорати электронӣ, ки дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ аҳаммияти афзоянда доранд, таваҷҷӯҳи хоса дода мешуд, моҳияти таҳқиқот пурарзиш мегардид.

2. Низомова Тӯҳфамоҳ Давлатовна – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо эроди зерин: дар баъзе мавридҳои таҳқиқоти илмӣ услуби матн аз ҷиҳати академӣ каме мураккаб буда, соддатар ифода мешуд, самаранокии онро нишон медод.

3. Бобозода Комил Олимҷон – доктори илмҳои иқтисодӣ, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо эроди зерин: баъзе камбудиҳо аҳаммияти илмию амалии кори илмиро паст накунанд ҳам, аммо барои мукаммал кардани

натиҷаҳои таҳқиқот, бояд ба инобат гирифта шаванд. Камбудиҳову костагиҳои бештар бо таҳрири на он қадар саҳеҳи матни автореферат вобаста буда, дар баъзе қитъаҳои матн дониста гирифтани мазмуни марказии он мушкил мегардад.

4. Раҳимзода Ҳусайн Раҳим – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, и.в. мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо эроди зерин: 1) агар муаллиф зимни таҳқиқ ва баррасӣ ба масъалаҳои омӯзиши механизмҳои идоракунии самаранокии равандҳои рушди устувор дар бахши озуқаворӣ диққат медод, боз ҳам мазмуну мундариҷаи авторефератро бою ғанӣ мегардонид. 2) дар саҳифаи 27-и автореферати диссертатсия, ҷадвали 4, тағйирёбии истеҳсоли маҳсулоти асосии саноати хӯрокворӣ дар вилояти Суғд барои давраи солҳои 2015-2023 ҳисоб карда шудааст. Хубтар мешуд, дар чунин ҳолат муаллиф ба нишондиҳандаҳои арзишӣ аз қабили даромад, даромади соф, фоида ва дараҷаи даромаднокӣ аз ҳисоби истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти асосии саноати хӯрокворӣ такя намуда, ҳамзамон ҷадвалҳои аналитикӣ таҳия ва пешниҳод менамуд, ки метавонист самаранокии чунин нишондиҳандаҳоро боз ҳам аниқтару дақиқтар намояд.

5. Краковская Ирина Николаевна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии Мордова ба номи Н.П. Огарёваи Федератсияи Русия бо эродҳои зерин: 1) дар ҷадвалҳои 11, 12 ва 13-и автореферат бояд таҳлили аналитикӣ гузаронида мешуд, ки нишондиҳандаҳои таҳлилиро амиқтар мегардонид. 2) агар дар автореферат ҳаҷми истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилиро мувофиқи минтақаҳо нишон медод, таҳлили он саҳеҳтар мегардид.

Бо ризоияти аъзои шуро котиби илмӣ Саиджонов С.Ш. шарҳи тақризҳоро оид ба диссертатсия ва автореферат, бо қироати ҳатмии эродҳое, ки дар онҳо оварда шудааст, ироа намуд.

Пас аз шинос намудани ҳозирин бо тақризҳо ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ барои ҷавоб додан ба эродҳои дар тақризҳо ҷойдошта сухан дода шуд.

Муқарризони расмӣ - Самандарзода Искандар Ҳусейн, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур; Species Бобоҷониён Даврон Дадоҷон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и Донишгоҳи байналмилалии

сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; Мирсаидов Саидакмал Аврорович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон сухан карданд. Муқарризон эродҳои ҷойдошта ва баҳои ниҳоиро ба диссертатсия, ки дар тақриз оварда шудаанд, пурра баён карданд.

Баъд аз шунидани тақризи ҳар як муқарриз, ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ барои ҷавоб додан ба эродҳо сухан дода шуд.

Тибқи банди 87-уми Низомномаи шурои диссертатсионӣ сухан ба аъзои шуро, мутахассисон доир ба ихтисоси диссертатсия – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов А.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. (тариқи маҷозӣ) ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. дода шуд. Баромадкунандагон зимни мубоҳиса ба диссертатсия баҳои асоснок доданд.

Дар ҷараёни мубоҳиса ба довталаб Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ имкон дода шуд, ки ба эродҳои гирифтаи баромадкунандагон ҷавоб диҳад.

Баъди ба итмом расидани мубоҳиса шуро бо тартиби муқарраршуда аз рӯйи масъалаи додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба Ҳакимзода М. М. овоздиҳии пинҳонӣ баргузор намуд. Комиссияи ҳисоб дар ҳайъати зерин интихоб карда шуд: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов М.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуқодирӣ Х.А. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хоҷаева Д.А.

Комиссия Исмоилов М.М.-ро раис интихоб кард, мавсуф ҳозиринро бо натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ шинос намуд:

тарафдор – 10 нафар;

муқобил – нест;

бюллетенҳои беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Ҳакимзода М.М. додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ қабул гардид.

Суханронии Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа:

назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ; тақризи мушовири илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Азимов Абдумавлон Ҷалилович; тақризи муассисаи пешбар – Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон; тақризи муқарризони расмӣ: Самандарзода Искандар Ҳусейн, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмиллалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур; Бобоҷониён Даврон Дадоҷон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; Мирсаидов Саидакмал Аворович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ҳамчунин мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов А.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Исмоилов М.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. (тариқи маҷозӣ) ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи доктори илмҳои иқтисодӣ ба Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 11 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и, профессор** — **Ризозода Тӯра Раббим**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и** — **Саиджонов Содикжон Шарифжонович**

*15 ноябри соли 2025*